## ПРОТОКОЛИ №35-ИҲ

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 12 марти соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
**а**з 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Аз 11 нафар ҳайати шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.09.2024, №321/шд тасдиқгардида, 10 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 6 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ гузаронида шавад. Мухтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Пешниҳод якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ дар мавуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Иззатова М. ва аъзои комиссия Каримзода М.Б. ва Каримзода Ш. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Файзалии Мирзоалӣ дар мавуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ дар мавуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ дар мавуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Файзализода Бахрулло Файзалӣ – доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Аҳмадзода Бунафша Саймузафар – номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абубабдуллоҳи Рӯдакӣ таъйин гардад.

**4**. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимояи диссертатсия 20 майи соли 2025, соати 15:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Қарор якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ** Сафаров Ш.А.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ** Муҳиддинзода Б.

*"Имзои Сафаров Ш.А. ва Б. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"*

Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ